# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-004 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

Парвандаи аттестатсионии №__________
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 29.03.2025, № 54

Барои сазовор донистани Зиёев Сулаймон Саъдулоевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01- Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)).

Диссертатсияи Зиёев Сулаймон Саъдулоевич дар мавзуи «Қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити муосир», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01- Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)), санаи 18-уми январи соли 2025, таҳти суратҷаласаи №4, Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2021, №35 таъсис дода шудааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Зиёев Сулаймон Саъдулоевич шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 25-уми феврали соли 1973 таваллуд шудааст. Соли 1990 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон дохил шуда соли 1995 бо ихтисоси омӯзгори фанни математика ва соли 2010 факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси молия ва қарз хатм намудааст. Аз соли 2012 дар кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолияти омӯзгориашро давом дода истодааст. Ҳамзамон унвонҷӯйи кафедраи мазкур ба ҳисоб меравад.

Диссертатсия дар кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Қодирзода Диловар Бахридин** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

– **Садриддинов Манучеҳр Исломиддинович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, и.в. мудири кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

– **Каримов Равшан Абдукаримович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи “Иқтисоди ҷаҳонӣ”-и Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

– **Муассисаи пешбар -** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, дар тақризи мусбати худ, ки аз доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос, дотсент, мудири кафедраи иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Шарипов С.Б. навишта шуда, дар ҷаласаи васеи кафедраҳои иқтисодиёти ҷаҳон ва назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 5-уми марти соли 2025, суратҷаласаи №8 баррасӣ гардида, аз тарафи ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Абдуалимзода Ҳ.А. 7-уми марти соли 2025 тасдиқ шудааст.

Муассисаи пешбар дар тақризи худ қайд кардааст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Зиёев Сулаймон Саъдулоевич дар мавзуи «Қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01- Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) пешниҳод шудааст, кори илмии мукаммал ва бaанҷомрасида буда, дар он натиҷаҳои нави назариявӣ ва амалии аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд.

Диссертатсияи Зиёев Сулаймон Саъдулоевич ҳамчун кори баанҷомрасида маҳсуб ёфта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ – назариявӣ навишта шудааст. Омузиши ҳамаҷонибаи масъалаи мазкур барои васеъ ва зиёд кардани самараи иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар гурӯҳҳои иқтисодии ҳамгирой имкониятҳои нави илмӣ ва тавсияҳои амалиро фароҳам меорад. Ҳамчунин натиҷаҳои онро метавон барои арзёбии иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои иқтисодии ҳамгирой истифода бурд.

Гуфтаҳои овардашуда аз он шаҳодат медиҳад, ки диссертатсияи Зиёев Сулаймон Саъдулоевич дар мавзуи «Қонуниятҳо ва хусусиятҳои

инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити муосир» бо талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) мутобиқ ва ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01- Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) мебошад.

Автореферат ва мақолаҳои илмии ба табърасидаи унвонҷӯ таркиби асосии диссертатсияро дар бар мегирад ва натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**
**А) Мақолаҳои чопшуда дар нашрияҳои бақайдгирифтаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**(бо забони аслӣ)**


[1-М]. Зиёев С.С. Предпосылки и закономерности региональной экономической интеграции [Текст] Зиёев С.С. // Вестник Таджикского национального университета. Научный журнал. –Душанбе: 2010. -№6 (62), стр. 22-25.

[2-М]. Зиёев С.С. Современное состояние и тенденции участия Республики Таджикистан в региональных интеграционных объединениях. [Текст] С.С.Зиёев. // Вестник Таджикского национального университета. Научный журнал. –Душанбе: 2011. -№9(73) – стр.64-69.

[3-М]. Зиёев С.С. Инвестиционные аспекты интеграции национальной экономики в мировое хозяйство [Текст] С.С.Зиёев // Вестник Таджикского национального университета. Научный журнал. –Душанбе: 2014. -№2/2(131) – стр.80-84.

[4-М]. Зиёев С.С. Роль региональных интеграционных объединений в развитии экономики РТ. [Текст] С.С.Зиёев // Вестник Таджикского национального университета. Научный журнал. –Душанбе: 2014. -№2/4(138) – стр.284-287.

[5-М]. Зиёев С.С. Сармоягузорӣ ҳамчун омили ҳамгироии иқтисодӣ миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. [Матн] С.С.Зиёев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: 2015. – №2/3 (165), – саҳ.39-41.

[6-М]. Зиёев С.С. Анализ зарубежного опыта развития интеграционного процессов и их применение в условиях РТ. [Текст] С.С.Зиёев // Вестник Таджикского национального университета. Научный журнал. –Душанбе: 2015. -№2/4(169) – стр.46-50.

[7-М]. Зиёев С.С. Евросоюз и Таджикистан: формирование и развития двухстороннего сотрудничества [Текст] С.С.Зиёев // Вестник Таджикского национального университета. Научный журнал. –Душанбе: 2017. -№2/4(ч.2) – стр.23-25.

[8-М]. Зиёев С.С. Основные аспекты сотрудничества РТ в рамках ШОС [Текст] С.С.Зиёев // Вестник Таджикского национального университета. Научный журнал. –Душанбе: 2018. -№6(ч.2) – стр.28-30.

[9-М]. Зиёев С.С. Рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ва самтҳои афзалиятноки он [Матн] С.С.Зиёев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: 2019. – №9, – саҳ.203-206.

[10-М]. Зиёев С.С. Суду зиёни воридшавии ҶТ ба Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё (ЕАЭС) [Матн] С.С.Зиёев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: 2020. – №8, – саҳ.125-129.

[11-М]. Зиёев С.С. Ҷанбаҳои минтақавии содиротии ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон дар ҳайати сохторҳои ҳамгироӣ ва берун аз он [Матн] С.С.Зиёев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: 2023. – №1, – саҳ.45-52.

[12-М]. Зиёев С.С. Арзёбии вазъи кунунӣ ва рушди ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохторҳои ҳамгироӣ [Матн] Д.Б. Қодирзода., С.С.Зиёев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: 2023. -№5, - саҳ.25-31.

[13-М]. Зиёев С.С. Консепсияҳои назариявии мактабҳои иқтисодӣ оид ба ҳамгироии иқтисодӣ [Матн] С.С.Зиёев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе: 2024. -№6(1), - саҳ.92-99.

**Б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд:**

[14-М]. Зиёев С.С. Роль интеграции в повышении экономического сотрудничества [Текст] С.С.Зиёев. // Материалы научно-теоретической конференции профессорско – преподавательского состава и студентов, посвященной 10-летию Сессии Верховного Совета Республики Таджикистан 12-го созыва. –Душанбе, 2002. –стр.94.

[15-М]. Зиёев С.С. Перспективы развития экономического сотрудничества стран СНГ [Текст] С.С.Зиёев. // Материалы IV-й Республиканской научной конференции молодых ученых и исследователей. «Ҷавонон ва ҷаҳони андеша» (выпуск 4). –Ходжент, 2002. – стр.183-185.

[16-М]. Зиёев С.С. Состояние экономической интеграции Республики Таджикистан со странами СНГ [Текст] С.С. Зиёев. // Материалы научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава, посвященной «День науки». -Душанбе, 2003. – стр.125-127.

[17-М]. Зиёев С.С. Особенности регулирования торгово-экономических связей Республики Таджикистан со странами СНГ [Текст] С.С.Зиёев. // Материалы III-конференции молодых ученных Таджикского государственного национального Университета. -Душанбе, 2003. – стр.111-114.

[18-М]. Зиёев С.С. Экономическое сотрудничество стран СНГ: трудности и перспективы взаимодействия [Текст] С.С.Зиёев. // Материалы Республиканской научно-практической конференций (21-22 октября 2004 года). -Душанбе, 2004. – стр.203-206.

[19-М]. Зиёев С.С.Евразийское экономическое сообщества как *современная динамично*-развивающаяся структура экономического сотрудничества [Текст] С.С.Зиёев. // Материалы IV-конференции молодых ученых (выпуск 4). -Душанбе, 2004. – стр.96-97.

[20-М]. Зиёев С.С. Экономическое сотрудничество Республики Таджикистан в рамках региональных интеграционных объединений (современное состояние и тенденции) [Текст] С.С.Зиёев. // Вестник Таджикского Государственного Института Языков. -Душанбе, 2012. №2(6).

[21-М]. Зиёев С.С. Самтҳои ояндадори ҳамгироии иқтисодии ҶТ [Матн] С.С.Зиёев. // Маводҳои конфересияи илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба 25-солагии истиқлолияти давлатии ҶТ. –Душанбе, 2016. Саҳ.214-215.

[22-М]. Зиёев С.С. Основные теоретические концепции региональной экономической интеграции [Текст] Зиёев С.С. // Материалы Республиканской научно-теоретической конференции профессорско – преподавательского состава и сотрудников ТНУ, посвященной 20-ой годовщине Дня национального единства и «Году молодежи». –Душанбе, 2017. – С.273-274.

[23-М]. Зиёев С.С. Инвестиции как фактор экономического роста РТ: основные тенденции и перспективы [Текст] Зиёев С.С. // Материалы международной научно-практической конференции «Проблемы развития национальной экономики в условиях посткороновирусного мира». –Душанбе, 2021. Стр.368-371.

[24-М]. Зиёев С.С. Ҳолати ҳозира ва дурнамои инкишофи ҳамкории иқтисодии мамлакатҳои аъзои ИДМ [Матн] С.С.Зиёев. // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии ДБССТ дар мавзуи "Иҷлосияи 16-и Шурои Олии ҶТ ва нақши он дар таҷаддуди Тоҷикистони соҳибистиқлол". -Душанбе, 12.11.2022 саҳ.52-57.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

1. **Алиджанов Д.А.** - д.и.и., профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисодии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" бо чунин эродҳо:

- дар дараҷаи таҳқиқи илмӣ, мутаассифона олимони шинохтаи Тоҷикистон, академикҳо Раҳимов Р.К. Қаюмов Н.Қ. инъикос карда нашудаанд, ки аз тарафи ин олимон дар самти хусусиятҳои ҳамгироии Тоҷикистон ба ташкилотҳои байналмилалӣ таҳқиқоти зиёд ба анҷом дода шудааст;
- хуб мешуд агар ҳангоми таҳлили маълумотҳои оморӣ, муаллиф нишондодҳои солҳои 2023-ро фаро мегирифт, зеро дар баъзе ҷадвалҳо маълумот то соли 2021 оварда шудааст (ҷадвали 4 дар саҳифаи 17);
- сатҳи илмии таҳқиқот боз ҳам баландтар мешуд, агар аз тарафи муаллиф иштироки Тоҷикистон дар дигар ташкилотҳои ҳамгирой ба ғайр аз ИИАО баҳогузорӣ карда мешуданд.

2. **Раҳматзода Ҳ.Б.** - д.и.и., профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

- ҷалби сармояи хориҷӣ ҳамчун ҷанбаҳои асосии тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодӣ дар доираи кишварҳои узви созмонҳои ҳамгироӣ метавонад бошад, аммо дар автореферат маълумот оиди мавқеи кишварҳои шарикони стратегии ҶТ дар ин самт оварда нашудааст, ки метавонад арзиши кори мазкурро баланд бардорад.

3. **Мирсаидов А.Б.** - д.и.и., профессор, муовини директор оид ба илми Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

- дар расми 1 (саҳ.11) марҳилаҳои ҳамгироии иқтисодӣ оварда шудааст. Беҳтар мешуд, агар муаллиф дар баробари овардани марҳилаҳои ҳамгироии иқтисодӣ шарҳу эзоҳи бештарро пешниҳод менамуд;
- дар баробари таҳлили сохторҳои ҳамгироӣ, оид ба фаъолияти Созмони умумиҷаҳонии савдо маълумотҳо аз мадди назари муаллиф дур мондааст.

4. **Гадоев С.Ҷ.** – д.и.и., дотсент, мудири кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии Термез бо чунин эродҳо:

- дар ҷадвали 1 (саҳ.10) хуб мебуд агар муаллиф ба назарияи мактабҳои иқтисодӣ оид ба ҳамгироии иқтисодӣ ақидаҳои олимони тоҷикро низ илова менамуд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, бисёри эродҳои қайдшуда хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ, инчунин, бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувори онҳо дар доираи таҳқиқи масъалаҳои қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити муосир, мавҷудияти интишороти онҳо дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсии муқарризон барои пешниҳоди тақриз тасдиқ шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- **коркард карда шуд:** равишҳои гуногуни назариявии омӯзиши ҳамгироии иқтисодӣ таҳлил карда шуда, қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ ҷудо ва асоснок карда шудааст.

Ақидаҳои мактабҳо ва олимони гуногун оид ба ҳамгироии иқтисодӣ омӯхта шуда, нуқтаи назари муаллиф дар ин бора аниқ карда шуда, дурнамои ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи сохторҳои ҳамгироии иқтисодӣ муайян гардидааст;

- **пешниҳод карда шуд:** , дар асоси хулосабарорӣ, аниқсозӣ ва пуррагардонии нуқтаҳои назариявӣ ва амалӣ нисбат ба таҳлил ва баҳодиҳии самаранокии ҳамгироии иқтисодӣ бо назардошти асосноккунии қонуниятҳо, хусусиятҳо ва омӯзиши ҷанбаҳои назариявии ҳамгироии иқтисодӣ, оид ба вусъат додани иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ ва дурнамои воридшавии он ба иттиҳодияҳои иқтисодӣ пешниҳодҳои мушаххас карда шуд;

- **исбот карда шуд**, ки дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт, ки дар аксари кишварҳо, аз ҷумла, дар Тоҷикистон, низоми иқтисоди бозорӣ амал мекунад, ташкил ва роҳандозии фаъолияти содиротӣ, инчунин муҳайё сохтани шароитҳои мусоид дар самти воридшавии сармояи хориҷӣ дар доираи муносибатҳои ҳамгироии иқтисодӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба худ аҳамияти аввалиндараҷа мегирад. Дар баробари ин соҳаҳои гидроэнергетика, металлургияи ранга, коркарди маҳсулоти саноати сабук, минералҳо, коркарди амиқи маҳсулоти кишоварзӣ ва сайёҳӣ аз самтҳои ояндадори ҳамкориҳои иқтисодӣ ва афзалиятноки сармоягузорӣ маҳсуб меёбанд, ки боиси рушди иқтисодиёт мегарданд;

- **асоснок карда шудааст, ки** дар ташаккули равандҳои ҳамгироӣ давлат нақши муҳим мебозад, зеро дар алоқамандӣ бо қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ, ҳангоме, ки иқтисодиёти миллӣ ба иттиҳодияҳои ҳамгироӣ муттаҳид мегарданд, давлат бештар ба таъмини манфиатҳои миллӣ, бахусус ба натиҷаҳои иҷтимоӣ доштани ҳамгироӣ аҳамият медиҳад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- **исбот карда шудааст**, ки дар илми иқтисодиёти ватанӣ то кунун оид ба масоили қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити муосир вобаста ба хусусиятҳои назариявии он ва ба самти ихтисоси амалкунанда таҳқиқоти мукаммал анҷом дода нашудааст. Ҳамзамон, дар диссертатсияи мазкур оид ба рушди равандҳои ҳамгироӣ дар асоси қонуниятҳо, хусусиятҳо ва принсипҳои

ҳамгироии иқтисодӣ, инчунин аъзогии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохторҳои ҳамгироии иқтисодӣ тавсия ва пешниҳодҳо карда шудааст;

- дар таҳқиқоти гузаронидашуда усулҳои таҳлили системавӣ, оморӣ-иқтисодӣ, таҳлилу синтез, индуксия ва дедуксия, таҳлилию қиёсӣ ва мушоҳидаҳо истифода бурда шудаанд;

- **баён шудани** асосҳои назариявӣ оид ба таҳқиқи ҳамгироии иқтисодӣ ва тамоюлҳои инкишофи он имкон фароҳам овард, ки қонуниятҳои ҳамгироии иқтисодӣ ва хусусиятҳои рушди он дар шароити муосир муайян карда шавад. Дар ин асос маълум гардид, ки қонуниятҳо ин маҷмуи қонунҳои ба ҳам алоқаманд аст, ки тамоюли рушдро дар равандҳои ҳамгирой таъмин менамояд;

- **ошкор карда шудааст**, ки вобаста ба хусусиятҳо ва марҳилаҳои муайянгардида Тоҷикистонро зарур аст, ки равандҳои ҳамгироиро дар арсаи ҷаҳонӣ боз ҳам таҳким бахшида, вобаста ба ҳадафҳои иқтисодии дар пешгузошташуда рушди устувори иқтисоди миллиро таъмин намояд. Барои амалишавии ин ҳадафҳо захираҳои бойи табиӣ, мавқеи мусоид дар минтақа ва иқтидорҳои бузург мавҷуд аст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:**

- **коркард ва ҷорӣ карда шуд:** натиҷаҳои асосии таҳқиқотии диссертатсия дар фаъолияти корӣ, аз ҷумла, ҳангоми таҳияи барномаҳо, стратегияҳо ва созишномаҳои тарафайн дар раванди ҳамгироии иқтисодӣ (маълумотномаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ, №03-46 аз 02.10.2024) истифода шуда, натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таълим (санади Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №527-1/дс аз 04.11.2024) истифода карда мешаванд;

- **муайян карда шуд**, ки муҳимтарин хусусияти замони муосир ин баҳамтаъсиррасонӣ ва вобастагии байниҳамдигарии иқтисодиёти кишварҳои гуногун, рушди равандҳои ҳамгирой ва гузариши мамлакатҳо ба шакли иқтисоди кушод мебошад. Дар асоси таҳким бахшидан ба равандҳои ҳамгирой, ҳаҷми байналмиллалии мол, хизмат, меҳнат, сармоя, моликияти зеҳнӣ ва муҳоҷирати аҳолӣ зиёд мегардад, ки он метавонад шарти муҳими рушди иқтисодиёт гардад;

- **муаррифӣ карда шуд**: Раванди ҳамгироии гурӯҳҳои иқтисодии ҷаҳон бо суръати тез пеш рафта истодааст, ки он истифодаи самараноки

ҳам захираҳои маҳдуди иқтисодӣ ва ҳам иқтидорҳои истеҳсолию сармояи инсониро таъмин менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сохторҳои иқтисодии ҳамгироӣ ҳамкориҳои фаъолро ба роҳ мондааст, ки метавонад аз ин шаклҳои ҳамгироии иқтисодӣ манфиатҳои иқтисодӣ ба даст оварда ҳамзамон мавқеи худро дар доираи сохторҳои ҳамгироӣ устувор намояд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки:**

- **назария ва амалияи таҳқиқ** дар асосҳои назариявию консептуалии пешниҳоднамудаи мактабҳои иқтисодӣ, олимони соҳаи ҳамгироии иқтисодӣ ва қонуниятҳою хусусиятҳои инкишофи он, бо истифодаи усулҳои махсус, эътимоднокии маълумотҳо, миқдори кофии маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои корҳо ва интишорот дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ арзёбӣ карда мешавад, ки дар заминаи онҳо пешниҳодҳо ва тавсияҳои илман асосноки таҳқиқоти мазкур татбиқ карда мешаванд;

- **ғояи таҳқиқот** дар асоси муқаррароти назариявию консептуалии олимони хориҷӣ ва ватанӣ дар соҳаи ҳамгироии иқтисодӣ, дар заминаи амалишавии Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030, Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ барои солҳои 2016-2020, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ», маводҳои конференсияҳои гуногун, маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва захираҳои иттилоотии шабакаи «Internet» асоснок шудааст;

- **аслият ва навгониҳои** натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити муосир бо далелҳои мушаххас ва тавсияҳои назариявӣ ва амалии коркардшуда тасдиқ шудаанд;

- **усулҳои муосири** ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот ҳангоми тартиб додани расмҳо, ҷадвалҳо, таҳия намудани диаграммаҳо ва коркади тавсияҳо оид ба рушди ҳамгироии иқтисодӣ бо назардошти хусусиятҳо ва қонуниятҳои инкишофи он истифода карда шудаанд;

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

- саҳми шахсии муаллиф дар хулосабарорӣ, аниқсозӣ ва пуррагардонии нуқтаҳои назариявӣ ва амалӣ нисбат ба таҳлил ва баҳодиҳии самаранокии ҳамгироии иқтисодӣ бо назардошти асосноккунии қонуниятҳо, хусусиятҳо ва

омӯзиши ҷанбаҳои назариявии ҳамгироии иқтисодӣ ва таҳияи пешниҳодҳои мушаххас оид ба вусъат додани иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ ва дурнамои воридшавии он ба иттиҳодияҳои иқтисодӣ ифода меёбад;

- тавсияҳои амалии , таҳқиқоти муаллифро ҳамчун натиҷаи ҷудогонаи таҳқиқот метавон дар мавриди таҳияи муқаррароти назариявӣ ва методӣ ҳангоми арзёбӣ ва мукаммалсозии иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ истифода бурд;

- аз рӯи мавзӯи таҳқиқот 24 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 13 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст;

- қисматҳои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-назариявии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба тасвиб расидаанд;

Дар маҷлис аз 29 - уми марти соли 2025 шурои диссертатсионӣ барои сазовор донистани Зиёев Сулаймон Саъдулоевич ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01- Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар узви шуро 15 нафар иштирок доштанд, 5 нафар мутахассис аз рӯйи диссертатсияи баррасишаванда. Аз 15 нафар узви шуро, овоз доданд: тарафдор 14 нафар, муқобил 1 нафар, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**д.и.и., профессор** **Усманова Т.Ҷ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**н.и.и., дотсент** **Гулов Ш.М.**

29.03.2025с.